**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳуснидинович дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

Муаллиф дар автореферати диссертатсияи мазкур “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ – иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)- ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур ин ошкор намудани асосҳои назариявӣ- амалии хусусиятҳои ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-педагогӣ дар замони муосир мебошад.

Дар боби якуми таҳқиқот асосҳои назариявии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва психологию педагогӣ масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ҳайси муносибатҳои шахсият, ҳамчун фарогири донишҳои нав оиди муносибатҳои оиладорӣ, арзишҳо, идеалҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои этикӣ ва гуманистӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми педагогика яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯзаи ҷомеа бунёди оилаи нав, аз ҷумла оилаҳои донишҷӯён ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёт ва рафти инкишофи худи инсон низ вобаста аст. Мусаллам аст, ки ҷавонон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ва давлат ҳеҷ гоҳ нисбат ба ин масъала бояд бетарафу бетафовут набуда, балки дар хушбахтиву пойдории он ҳамеша манфиатдор мебошанд.

Дар боби дуюми таҳқиқот мундаричаи раванди ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ таҳлили сатҳи ибтидоии ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ бо як чаҳорчӯба дар ҳамбастагии масъалаи мавриди таҳқиқ ба масъалаҳои коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дар асоси онҳо ҷудо намудани дараҷаи ташаккулпазирии арзишҳои оила дар ҷавонони донишҷӯ бахшида шудааст.

Дар худи маънои умумӣ оид ба аҳамияти оила дар шуури ҷамъиятӣ ба он ҳам баҳо додан мумкин аст, ки дар байни дигар муҳимтарин арзишҳо барои инсоният, аз қабили кор, дӯстон, вақти холӣ, сиёсат, дин ва ғайраҳо ба оила чӣ гуна мақоме муносиб дониста мешавад.

Хулоса, ба андешаи муҳақиқ «арзиши оилавӣ» ба ҳайси мафҳуми сермаъно то ба қадри имкон баррасӣ карда шуд, ки он принсипи умумии моделҳоро фаро мегирад: рафтори инсон дар чаҳорчӯбаи фарҳанг ва ё ҷамъияти муайян тавассути раванди иҷтимоигароӣ, ки ба эътиқоди фард такя менамояд, аз ҷумла нисбати он ки оила арзиши гаронбаҳо буда, барои инсон маъно ва намунаи дилпазири ҳаёт маҳсуб мешавад.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ин ошкор намудани асосҳои назариявӣ-амалии хусусиятҳои методии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ буда, тадқиқоти анҷомгирифта аз муқаддима, ду боб, 5 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 164 номгӯ ва замимаҳо иборат буда, 172 саҳифаи чопиро дар бар мегирад, аз 7 ҷадвал ва 6 расму диаграмма иборат мебошад.

Новобаста аз баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ дар автореферат, муҳақиқ тавонистааст кори хуби илмиеро анҷом диҳад. Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муллифи он - Неъматов Р.Ҳ. ба натиҷаҳои возеҳ ва равшани илмӣ даст ёфта аст ва рисолаи илмии худро дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ иҷро намудааст, аз ин рӯ, муаллифи он

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) дониста мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ
ва сайёҳии Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода — Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович

**Маълумот барои тамос:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73 "А". Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

Тел: (+992-37) 2 31 18 27; +992 93 453 02 02; +992 005 33 54 55.

Сомона: www.ddst.tj.

Имзои Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқовичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус — Ҳамидова З.